*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии 8)*

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи «Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.

Яке аз намудҳои комплексҳои байнисоҳавии муосир ин комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Ташкил ёфтани чунин комплекс бо таъмини бехатарии озуқаворӣ алоқамандӣ дошта, ташаккули он аз ибтидои солҳои 70-уми асри XX оғоз гардидааст. Аз ибтидои ташаккул то имрӯз дар шаклу усулҳои гуногун дар кишварҳои ИДМ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин раванд идома ёфта истодааст. Маълум аст, ки то замоне инсон ба истеъмоли ғизо эҳтиёҷ дорад, масъалаи таъмини бехатарии озуқаворӣ муҳиммияти худро гум намекунад. Бояд қайд намуд, ки рушди ҳамгироиҳои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, дар доираи иқтисоди КАС ба вуҷуд омада, дар таъмини бехатарии озуқаворӣи аҳолӣ нақши калидӣ дорад ва аз рӯйи маҳсулоти ниҳоӣ аз зеркомплекси озуқаворӣ ва зеркомплекси маҳсулоти ғайриозуқаворӣи баромади кишоварзӣ иборат мебошад. Дар баробари ин, солимии ҷомеа, насли имрӯзу ояндаи кишвар ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар мамлакат ба дараҷаи рушди ин комплекс алоқамандии зич дорад.

Дар шароити муосир корхонаҳои комплекси агроозуқаворӣи ватанӣ ба камчинии сармоягузориҳо барои таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда ва бунёди иқтидорҳои нав дучор гардида истодаанд. Чунин вазъият ба молиякунонии навгониҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ, рақобатпазир набудани маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯроквории ҷумҳурӣ, масоили

тарғибу фурӯши маҳсулоти онҳо ва дар маҷмуъ ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои КАС таъсири манфӣ мерасонад. Умуман, дар шароити муосир масъалаи рушду рақобатпазирии корхонаҳои комплекси агроозуқавории кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷанбаи назариявӣ, идоракунию ташкилӣ ва амалӣ дошта буда, дар навбати худ таҳқиқу омӯзишро бо истифода аз усулҳои инноватсионии идоракунӣ талаб менамояд.Дар ин радиф, рисолаи илмии Бахтиёри И.М., ки ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ бахшида шудааст, хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Навовариҳои илмии таҳқиқот дар асосноксозӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба мутобиқсозии таҷрибаи беҳтарини хориҷӣ дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтанд.

Аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои назариявии ташаккули равандҳои ҳамгироӣ дар КАС ва зеркомплексҳои он таҳқиқ шуда, хусусиятҳои ташаккулу марҳилаҳои рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми муносибатҳои ҳамгироӣ дар КАС ошкор гардида, муҳиммияти иқтисодию иҷтимоии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми КАС мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд.

Бахтиёри И.М. дар доираи таҳқиқоти хеш ҳолати ташаккул ва равнақи механизми идоракунию танзими комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии амалкарди корхонаҳои доираҳои комплекси мазкурро дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мавриди таҳлилу баҳогузорӣ қарор додааст. Инчунин, аз ҷониби муаллиф самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории мамлакат ва идораву танзими давлатии он дар сатҳи ҷумҳурӣ муайян ва асоснок карда шудаанд.

Дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад, ки дар оянда ба инобат гирифтани он аз ҷониби муаллиф метавонад самараи хуб ба бор оварад.

1. Дар автореферат муаллиф дар бораи марҳилаҳои рушди комплекси агроозуқавории кишвар гуфта гузаштааст. Хуб мешуд, ки ин марҳилаҳо дар шакли ягон расм нишон дода мешуданд.

2. Ба манфиати кор мебуд, ки агар муаллиф дараҷаи худтаъмини озуқавории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисорро муайян мекарданд.

Сарфи назар аз эроди зикршуда, таҳқиқоти диссертатсионии Бахтиёри Изатулло Муродзода кори илмии анҷомёфта буда, мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст. Кор ба меъёрҳои тахассусии диссертатсия мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф боэътимод буда, хулосаҳои он асоснок карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, аз рӯйи таҳлили автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи «Такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадқиқоти диссератсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”,**
**н.и.и., дотсент** **Пӯлодова Х.Ш.**

Имзои дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг
н.и.и., дотсент Пӯлодова Х.Ш.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”** **Наврӯзов Э.М.**

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
**Тел.: (83422) 6 52 73; (+992) 92-778-69-86; E-mail: rahim13@list.ru.**